Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

28 сентябри соли 2022 Чоршанбе № 77 (14881)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТҲОИ МЕЪМОРӢ ТАКМИЛ ХОҲАД ЁФТ

**27 сентябр дар ҳузури Президент Шавкат Мирзиёев тақдимоти ҷорабиниҳо дар бобати такомули низоми тарбияи кадрҳо дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон баргузор гардид.**

Солҳои охир дар мамлакатамон миқёси корҳои созандагӣ васеъ гардида, дар сохтмон усулҳои мураккаби технологӣ корбурд мешаванд. Аммо таълим ва илм дар ин соҳа аз тараққиёт хеле ақиб мемонад. Барномаҳои таълимии институтҳо ҳоло ба талаботи имрӯз ҷавоб намедиҳанд. Дар муқоиса бо амалиёти хориҷӣ миқдори фанҳои тадрисӣ зиёд, аммо сифати таълим беҳбудӣ мехоҳад. Иштироки мутахассисони амалиётӣ дар ҷараёни таълим кифоят намекунад. Муҳандисон-конструкторони, ки тафаккури замонавӣ дошта бошанд, кам ҳастанд.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки 6 июли соли ҷорӣ баргузор гардида буд, роҳбари давлат дар бобати ин масъала махсус таваққуф намуд ва зарурияти трансформатсияи муассисаҳои таълимии олиро дар маҳалҳо таъкид кард.

Дар ҷараёни тақдимоти мазкур ҷорабиниҳои ислоҳи барномаҳои таълимии институтҳои меъмории Тошканд ва Самарқанд муҳокима гардида ба дараҷаи байналхалқӣ бардоштани сифати таълим зикр гардид.

Шахсони масъул дар бораи нақшаҳои номнавис намудани барномаҳои байналхалқии таълимии ин муассисаҳо, ба вуҷуд овардани факултетҳои нав, ҳамоҳангсозии таълим ва амалиёт, такомули фаъолияти илмӣ нақл намуданд.

Президент ин пешниҳодотро дастгирӣ намуд ва супоришҳои иловагӣ дод. Пеш аз ҳама миқдори самтҳои бакалавриро таҷдиди назар намуда, онҳоро ба талаботи шаҳрсозӣ ва технологияи муосир муносиб бояд гардонд. Дар заминаи пурзӯр сохтани талабот нисбати сифати муаллимон ва баланд бардоштани малакаи хатмкунандагон тавсияҳо дода шуд.

Аҳамияти ба институтҳо ҷалб намудани мутахассисони баландмалакаи молики таҷрибаи хориҷӣ, инчунин сафарбар намудани профессор ва устодони маҳаллӣ ба хориҷи кишвар барои амалиёти илмӣ таъкид гардид. Барои ин Институти меъмориву сохтмони Тошканд ҳамкориро илмиро бо Донишгоҳи техникии Истанбул, Институти давлатии меъмориву сохтмони Самарқанд бо Донишгоҳи техникии Йилдиз роҳандозӣ менамоянд.

Бо мақсади таъмини робитаи зичи таълим ва таҷриба барои ҳар як кафедра вобаста намудани корхонаҳои истеҳсолӣ, дар назди институтҳо ташкил намудани технопарк ва марказҳои инкубатсионӣ супурда шуд. Дар онҳо имкон ба вуҷуд меояд, ки масолеҳи аз лиҳози энергетикӣ муфиди сохтмон ба вуҷуд оварда шуда, баргузор намудани мастер-класс ва машғулоти амалӣ якҷоя бо ширкатҳои пешқадам, тиҷоратӣ гардондани натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ имконпазир мегардад.

Дар бораи ба вуҷуд овардани Мактаби олии илмӣ қарор қабул гардид, ки он кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогиро дар асоси донишҳои пешқадами муҳандисӣ тарбия менамояд.

Инчунин ба ногузирии такмили фаъолияти литсейҳои академии институтҳо, дар онҳо татбиқ намудани барномаи таълимии байналхалқӣ ва усули A-level ишора гардид.

**ЎзА.**

*Ширкати «Proton» (Perusahaan Otomobil Nasional Sdn Bhd – Proton)-и Малайзия омодагӣ ва ҳавасмандии худро ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли муштараки седани «Proton Saga» (синфи B) бо шарикони ӯзбекистонӣ, инчунин татбиқи лоиҳаи истеҳсоли мошинҳои барқӣ дар Ӯзбекистон изҳор намуд.*

## БУЗУРГТАРИН КОНСЕРНИ МОШИНСОЗИИ МАЛАЙЗИЯ НИЯТ ДОРАД, КИ ДАР ӮЗБЕКИСТОН МОШИНҲОИ ХУДРО ИСТЕҲСОЛ НАМОЯД

Дар ин бора дар музокироти сафири Ӯзбекистон Равшан Усмонов бо сардори департаменти «Proton» Санҷай Васудеван хабар дода шуд.

Ширкати автомобилсозии «Proton» дар соли 1983 аз ҷониби сарвазири собиқи Малайзия Маҳатхир Муҳаммад таъсис ёфтааст. Аввалин мошини ширкат дар соли 1985 истеҳсол шудааст. Дар давоми 37 соли охир ин ширкат 28 модели гуногун истеҳсол карда, ба 73 кишвари ҷаҳон тақрибан 5 миллион мошин содир кардааст.

Дар рафти мулоқот ба ҷониби Малайзия дар бораи ислоҳоти васеъмиқёси иқтисодӣ, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мегардад, моделҳо ва ҳаҷми истеҳсоли автомобилҳо, имкониятҳои истеҳсоли электромобилҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин шароите, ки барои сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи автомобилсозӣ фароҳам оварда шудаанд, маълумот дода шуд.

Дар навбати худ Санҷай Васудеван таъкид кард, ки саноати мошинсозии Ӯзбекистон яке аз бахшҳои пешрафтаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад ва кишвар яке аз бузургтарин истеҳсолкунандаи мошин дар минтақа маҳсуб меёбад. Вай таъкид намуд, ки ширкати Малайзия аз ҳамкорӣ бо ҶС «Ӯзавтосаноат» манфиатдор аст, зеро Ӯзбекистон ҳамчун маркази содироти маҳсулоти мошинсозӣ ба кишварҳои ҳамсоя нақши муҳим дорад.

Бинобар натиҷаҳои гуфтушунид дар бораи гузарондани музокироти онлайни байни роҳбарияти ширкати «Proton»-и Малайзия ва ҶС «Ӯзавтосаноат» барои баррасии ҳамкории минбаъда оид ба татбиқи лоиҳаи муштарак мувофиқа ҳосил шуд.

**АИ «Дунё»,**
*КУАЛА-ЛУМПУР.*

## АЪЗОИ ШӮРОИ ДОИМИИ САҲА ӮЗБЕКИСТОНРО БО БАРГУЗОРИИ БОМУВАФФАҚИЯТ ВА САМАРАБАХШИ ҲАМОИШИ СҲШ ДАР САМАРҚАНД МУБОРАКБОД КАРДАНД

***22-23 сентябр дар пойтахти Австрия ҷамъомади навбатии Шӯрои доимии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) баргузор шуд.***

Дар ҷамъомад роҳбарон ва вакилони намояндагиҳои 57 давлати иштирокдор ва 11 кишвари шарики мулоқот, ҳайати роҳбарии Котибияти САҲА ширкат ҷустанд.

Бо ташаббуси намояндагии доимии Ӯзбекистон дар САҲА ба рӯзномаи маҷлис боби махсус бахшида ба натиҷаҳои ҳамоиши СҲШ, ки 15-16 сентябр дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, дохил карда шуд.

Ҳайати Ӯзбекистон ба иштирокдорони ҷамъомад дар бораи натиҷаҳои ҳамоиши дар сатҳи олӣ баргузоршудаи СҲШ маълумоти муфассал дод.

Қайд гардид, ки барои дар ҳамоиш иштирок кардан ба Самарқанд тақрибан 20 нафар роҳбар ва меҳмонони олимартабаи давлатҳои аъзо, кишварҳои мушоҳид ва шарикони диалоги СҲШ, ҳамчунин 10 нафар сарони созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ҳузур доштанд.

Мувофиқи рӯзномаи ҷамъомад роҳбарони давлатҳо ҳолати кунунӣ ва пешомади ҳамкориҳоро дар доираи СҲШ баррасӣ намуданд, вобаста ба мушкилоти рӯзмарраи минтақавӣ ва байналхалқӣ дар мавриди рушди вазъиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ табодули афкор карданд.

Таъкид шуд, ки ҳамоиши Самарқанд бобати вусъати доираи давлатҳои шарики СҲШ бемисл буд. Ҳамин тариқ, Эрон барои дастрас намудани мақоми давлати узви СҲШ қадами муҳим гузошт, Миср ва Қатар бошанд, шарикони мулоқот гардиданд. Давлатҳои аъзо ҳамчунин қарор доданд, ки тартиботи ба Белорус пешниҳод намудани узвияти комилҳуқуқ ба СҲШ, ба кишварҳои Баҳрайн, Кувайт, Ҷазираҳои Молдив, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Мянма додани ҳуқуқи мақоми шарик бобати мулоқот ба роҳ монда шавад.

Эътибори иштирокдорони ҷамъомад ба миқдори рекордии ҳуҷҷатҳое, ки бино бар натиҷаи ҳамоиш имзо гардиданд, ҷалб гардид. Таъкид шуд, ки дар ҳуҷҷатҳои мазкур муносибатҳои умумии давлатҳои СҲШ ба ҳамкории тарафайн бобати пешбинӣ ва зарурати самтҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла пурзӯр намудани робитаҳои тарафайн, кооператсияи саноатӣ, иқтисодиёти «сабз», рақамикунонӣ, савдо ва ғайра инъикос ёфтаанд.

Бинобар натиҷаи маърӯзаи Ӯзбекистон изҳороти ҷавобии намояндагони ҳайатҳои дипломатии давлатҳои аъзои САҲА садо дод. Тамоми кишварҳои нотиқ созмондиҳандагони ҳамоишро бо комёбӣ ва натиҷаҳои хуби нишасти СҲШ дар Самарқанд муборакбод карда, сатҳи ташкили олии ҷорабиниро дар Ӯзбекистон зикр намуданд.

Дар поёни ҷамъомади Шӯрои доимии САҲА матни маърӯзаи ҳайати Ӯзбекистон дар байни идора ва кишварҳои иштирокдор дар доираи коркарди расмии ҳуҷҷатҳои САҲА тақсим карда шуд.

Шӯрои доимӣ мақомоти асосии директивӣ барои мунтазам гузаронидани машваратҳои сиёсӣ ва идораи фаъолияти рӯзмарраву таъҷилии САҲА дар давраҳои байни вохӯриҳои ҳарсолаи Шӯрои вазирон ба шумор меравад.

**АИ «Дунё»,**
*ВЕНА.*



*Дар минтақаи саноатии хурде, ки дар ҶШМ «Ӯрмончилар»-и шаҳри Фарғона воқеъ аст, бо ибтикори соҳибкор Отахон Хайруллоев корхонаи коркарду истеҳсоли плёнкаи полиэтиленӣ ба кор шурӯъ кард.*

*Дар натиҷаи лоиҳаи аз ҷониби ҶММ «Sinobeacon» ба амал татбиқгардида, ки 12 миллиард сӯм қимат дорад, дар вилоят истеҳсоли плёнкаи полиэтилении ҷавобгӯ ба андозаи ҷаҳонӣ роҳандозӣ гардид.*

*Дар корхона плёнкаҳои барашон аз 1 то 12 метр, ғафсиашон аз 10 то 120 микрон истеҳсол карда мешавад.*

*Маҳсулоти корхона ба бозори дохилӣ ва содирот ба Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо, ки 40 нафар кор мекунанд, рӯзе 36 тонна маҳсулот истеҳсол карда мешавад.*

*Пешбинӣ шудааст, ки корхона боз 30 нафарро бо кор таъмин менамояд.*

***Дар акс:** дар корхонаи мазкур.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

**Фикри депутат**

## СОДАКУНИИ ТАРТИБИ ҶУДО КАРДАНИ ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ

***Агар ҳар кас ба хонаи худ соҳиб бошад, бо мақсадҳои бузург зиндагӣ мекунад, оилааш осуда мегардад, кораш барор мегирад. Зеро, хонаву ҷойи узви ҷудонашавандаи ҳаёти инсон буда, гарави зиндагии озод дар ҷамъият мебошад. Аз ин ҷост, дар мамлакатамон масъалаи манзил, ки солҳои охир аҳолиро ба ташвиш меорад, яке аз вазифаҳои устувори сиёсати давлатӣ маҳсуб мешавад. Чунки шахси хонадор ташвиш надорад, дилаш пур аст.***

Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини аҳолӣ бо манзил, як қатор қарору фармонҳо ба имзо расиданд. Инчунин, бо мақсади дастгирии моддии аҳолӣ барои манзил қарзҳои ипотекӣ субсидияҳо ҷудо мекунад.

Аммо, вақтҳои охир аз сабаби якбора баланд шудани нархи манзили арзони сохташаванда на танҳо пардохти аввал, балки маблағи қарзи гирифташаванда низ меафзояд. Табиист, шахси камбизоат ва камдаромад имкони гирифтани чунин хонаро надорад.

Муҳимияти қарори Президент «Дар бораи ҷораҳои фароҳам овардани кулайиҳои иловагӣ ба аҳолӣ дар истифодаи қарзҳои ипотекӣ» аз 22 сетябри соли ҷорӣ дар он аст, ки ба дастгирии аҳолии эҳтиёҷманд ва ба беҳтар намудани шароити манзил нигаронида шудааст.

Тибқи қарор, аз 1 январи соли 2023 музди меҳнат ва дигар даромадҳои шаҳрвандоне, ки ба онҳо барои ҷуброни як қисми пешпардохт ва як қисми фоизҳо оид ба қарзҳои ипотекӣ субсид дода шудаанд, ки барои пӯшондани қарзҳои ипотекии барои харид, сохтмон ва таҷдиди манзил гирифташуда ва фоизҳои ба онҳо ҳисобшуда равона карда мешаванд, андоз аз даромади шахсони ҷисмонӣ ситонда намешавад.

Муҳимаш он аст, ки имтиёзи дар қарори мазкур пешбинишуда нисбат ба қарзгиранда ва шарикони қарзгир аз рӯйи даромаде, ки аз нишондиҳандаи 80 баробари музди меҳнати камтарин дар тӯли як давраи андоз зиёд намебошад, татбиқ карда мешавад.

Аз 1 ноябри соли 2022 ба ҷудо кардани қарзҳои ипотекӣ барои аз бозори ибтидоӣ харидани хона дар манзилҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои пудратии сохтмонӣ сохта шудаанд, бидуни шарти супурдан, инчунин пардохти субсидҳо барои ҷуброни як қисми бадали аввал ва як қисми қарзи ипотекӣ иҷозат дода мешавад.

Инчунин, Раиси Шӯрои Девони Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ҳокимони вилоятҳо то охири сол барои фароҳам овардани кулайиҳои иловагӣ ба шаҳрвандон дар ҷараёни хариди манзил ва расмигардонии қарзҳои ипотекӣ, дар асоси таҷрибаи шаҳри Тошканд дар маркази вилоятҳо маркази ипотекӣ таъсис медиҳанд.

Онҳо дар марказҳои ипотекӣ ҷораҳои ҷойгир намудани идораҳои фурӯши ташкилотҳои сохтмониву пудратӣ (девелопер), ки дар минтақа бо сохтмони манзил машғуланд, гӯшаҳо ва кассаҳои бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин идораҳои хусусии нотариалиро мебинанд.

Хулоса, бо ин ҳуҷҷат ҷараёни ҷудо кардани субсид ба аҳолӣ барои хариди манзил, сохтмон ва азнавсозии манзилҳои инфиродӣ рақамӣ гардонида мешавад. Аз ҳама муҳимаш, тартиби ҷудо кардани қарзҳои ипотека сода карда мешавад.

**Ботирбек ТӮРАЗОДА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

**Иҷрои барнома – дар амал**

## БА МАҲАЛЛАҲО КУМАК МЕРАСОНАНД

**ДАВЛАТОБОД.** Дар ин ҷо барои ба амал татбиқ намудани барномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 18 марти соли 2022-юм дар бораи «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» як қатор корҳо амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар маҳаллаи «Эҷодкор»-и ноҳияи Давлатобод сифату самараи корҳо назаррас мебошанд. Дар маҳалла барои обод кардани роҳҳои дохилӣ, беҳтар намудани таъминоти оби ошомиданӣ, ободонӣ, пурра ба роҳ мондани таъминоти нерӯи барқ ва газ, навсозии низоми алоқа ва ахбору ебӣ, ҳамчунин ба кор андохтани чароғҳои шафати роҳҳо корҳои зиёде иҷро шудаанд.

Чунин корҳои нек дар маҳаллаи «Дӯстии халқҳо» низ идома доранд. Дар ин ҷо шабакаҳои оби ошомиданӣ нав карда, хатҳои нақли газ аз нав гузаронида мешаванд. Сайъю ҳаракатҳо бинобар таъминоти барқ бахри пурра қонеъ сохтани эҳтиёҷи сокинон хушнудкунанда мебошанд. Ба ин мақсад дар 4,5 километр масофа сохтмони шабакаи нави замонавии барқ бунёд меёбад. Дар 43 адад хонаҳои бисёрошёнаи ҳудуд корҳои таъмирсозӣ ба нақша гирифта шудаанд. Ҳоли ҳозир зоҳири ин биноҳо тармиму таъмир мешаванд, даромадгоҳҳо бозсозӣ мегарданд.

**ЧУСТ.** Дар ин ноҳия низ бинобар барномаи мазкури давлатӣ корҳои зиёде иҷро мешаванд. Мо ба мақсади шинос шудан бо корҳое, ки бобати иҷрои барномаи давлатии «Деҳаи обод» амалӣ мегарданд, аз маҳаллаи «Қалъаи поён»-и ноҳия боздид ба амал овардем. Дар ин ҷо барои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуд корҳои ободонсозӣ ва сохтмон босуръат идома доранд, дар кӯчаҳои дохилӣ лӯлаҳои оби ошомиданӣ гузошта мешаванд, корҳои бетонкунӣ давра ба давра амалӣ мегарданд. Ба 3,5 километр масофаи шабакаҳои барқӣ кашида шудаанд. Дар маҳалла истгоҳи мавҷудаи барқӣ таъмир шуда, бар илова боз як истгоҳи замонавӣ қомат рост кардааст. Барои муассисаи таълимии томактабии рақами 46-уми маҳалла бунёди биноӣ замонавии дорои 180 ҷой пешбинӣ шудааст, барои сохтмони ин биноӣ нав 3 миллиарду 400 миллион сӯмина маблағ ҷудо гардидааст. Ин корро бинокорони корхонаи хусусии «Олтин водий» таҳти роҳбарии Бахтиёр Абдуллоев амалӣ месозанд. Барои таъмири роҳи дарозиаш 8 километра корҳои бетонрезӣ ва асфалтпӯшкунӣ ба охир мерасанд. Ба 11 километр масофа лӯлаи оби ошомиданӣ кашида шуд, як иншооти нави об барпо гардид. Дар шафати кӯчаи марказӣ, ҷӯйҳои сунъӣ гузошта шуда симчӯбҳои чароғи шабона устувор гардиданд. Барои ҳамаҷониба таъмир кардани биноӣ ҷамоати шаҳрвандони маҳалла хароҷоти 420 миллион сӯмина маблағ пешбинӣ шудааст, бахри таъмири поликлиникаи оилавии рақами 48-ум бошад, харҷи 1,5 миллион сӯм дар назар аст.

– Истгоҳҳои автомобилие, ки дар пояи лоиҳаҳои замонавӣ бунёд меёбанд, ҳамчунин шабакаҳои хидматрасонии маишӣ ва тиҷоратӣ баробари маҳаллаамонро ободу зебо гардонданд, роҳи дури аҳолиамонро низ наздик мекунанд, – мегӯяд ёвари раиси маҳалла Ҳусанбой Сотимов. – Ба аҳолӣ, бахусус дар шафати роҳҳо гузошта шудани симчӯбҳои чароғи шабона хеле писанд омад. Онҳо шаби маҳаллаамонро низ чун рӯз равшан мекунанд. Мо инро пештар танҳо дар шаҳрҳо медидему ҳавас мекардем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

Муносибат

# ҲАМОИШИ ТАЪРИХӢ БА МАНФИАТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ХИДМАТ МЕКУНАД

***Созмони ҳамкории Шанхай соли 2001 таъсис ёфта, вазифаи асосии он ҳамкории минтақавии иқтисодӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ дар соҳаи амният буд. Имрӯз ба ин ташкилот Ҳиндустон, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Покистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шомиланд. Ин кишварҳо аз нисф зиёди минтақаи Авруосиёро фаро мегирад ва қариб нисфи аҳолии ҷаҳон дар онҳо истиқомат мекунанд.***

Афғонистон, Белорус, Эрон ва Муғулистон низ дар ин ҳамоиш мақоми нозирро гирифтанд. Мамлакатҳои Туркия, Арманистон, Озорбойҷон ба мақоми шарикони муколама соҳиб шуданд.

Ҳамоиши сарони кишварҳои узви СҲШ дар Самарқанд бомуваффақият анҷом ёфт ва дар хидмат ба рушди солим ва устувори созмон аҳамияти таърихӣ пайдо кард.

Дар анҷуман мавриди муҳокима қарор гирифтани масъалаи ҳамчун «шарикони муколама» пазируфтани кишварҳои Қатар, Арабистони Саудӣ, Миср, ҷазираҳои Малдив, Баҳрайн ва Мянма аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нуфуз ва иқтидори ин созмон то чӣ андоза меафзояд.

Дар ҳамоиш бори аввал 15 сарони давлат ширкат доштанд, ки ба истиснои Сарассамблеяи СММ бузургтарин ҳамоиши намояндагии кишварҳои Осиё дар ин ҳайат буд.

Дар давраи раёсаташ ба СҲШ Ӯзбекистон худро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун як кишвари шарики дурандеш нишон дод, ки қодир аст ҷомеаи ҷаҳониро зери шиори сулҳу субот муттаҳид намуда, ба муколамаи созанда оид ба таъмини амният ворид шуда, доир ба дурнамоии ояндаи устувори иқтисодӣ чораҳои муайянро истифода барад.

Инчунин, Ӯзбекистон дар давраи раёсати СҲШ бо мақсади таъмини идомаи мантиқии чораҳои сатҳи олӣ як қатор ташаббусҳои муҳимро ба миён гузошт.

Оғози раванди нави муколамаи иқтисодии СҲШ, таъсиси Шӯрои иқлими СҲШ, баргузории ярмаркаи савдои бузурги СҲШ, таҳияи тамоюлҳо ва равишҳои умумӣ оид ба амнияти озуқаворӣ дар доираи СҲШ ва баргузории анҷумани байналхалқӣ оид ба амнияти озуқаворӣ, баргузории форуми нақлиёти СҲШ, ба кор андохтани маркази байниминтақавии алоқаи мутақобила дар шаҳри Тошканд, баланд бардоштани фаъолияти сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ ва эълон намудани соли 2023 соли сайёҳӣ дар СҲШ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ҳадафи аслии ин иқдомҳо ба мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналхалқӣ ҷалб намудани тамоми кишварҳои манфиатдор ба муколамаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ҷустуҷӯйи равишҳо ва роҳҳои ҳалли мувофиқ, барқарорсозии эътимод, барҳам додани ҳолатҳои номуайян ва пешгӯйишаванда мебошад.

Ҳамаи ин, дар ниҳояти кор барои васеъ намудани алоқаҳои маданию гуманитарӣ, вазъияти иқтисоди сиёсии ҷаҳонӣ ва афзудани самаранокии онҳо низ хидмат мекунад, ки ин барои пешомадҳои рушди осоишта ва эҷодкоронаи инсоният шароит фароҳам меоварад.

Хулоса, декларатсияи Самарқанд, ки дар чаҳорчӯби ин ҳамоиш қабул шудааст, барои рушди ҷаҳон, амният ва суботи он хидмат мекунад. Воқеан, иҷрои вазифаҳои дар он муайяншуда ҳамкории дӯстонаи кишварҳои ин созмонро ба роҳ монда, ба ҳамкории мутақобила барои ояндаи дурахшон ва ниятҳои нек дар тӯли солҳои зиёд даъват мекунад.

**Ойдин АБДУЛЛОЕВА, узви кумита оид ба масъалаҳои фан, таълим, маданият ва варзиши Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



# САХОВАТПЕША

***Хурду калони маҳаллаи «Латифсобунгар»-и ноҳияи Вобканд номи ҳамдеҳаашон Камол Бӯроновро бо эҳтиром ба забон мегиранд. Зеро ин соҳибкори саховатпеша солҳои зиёд аст, ки ёфтаашро бо дигарон баҳам мебинад. Яъне хайру эҳсон, дастгирӣ намудани эҳтиёҷмандон кайҳост, ки ба мароми зиндагии вай табдил ёфтааст.***

Гуфтан ҷоиз аст, ки ӯ ин амалро на бо даъвати касе, балки бо амри дили худ иҷро мекунад. Вай ба қарибӣ боз як ҳимматбаландӣ зоҳир намуд. Ба 12 нафар фарзандони навраси оилаҳои камдаромади ноҳия дасти ёрӣ дароз карда, дар базмгоҳ тӯйи суннатии онҳоро гузаронд. Дар маърака роҳбарони секторҳои ноҳия, падару модарон ва хешу табори тӯйшавандагон, меҳмонони зиёд иштирок карданд. Онҳо соҳибони тӯйро бо дасторхони муроди муборакбод намуданд. Ба сабабгорони давра сарулибос, велосипед, тӯҳфаҳои пурқимат инъом гардид. Садту суруд, рақсу бозӣ, шодию хурсандии ҷамъомадагон чун рамзи шукронагии рӯзгор дилҳоро ба ҷӯш овард.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МАРКАЗИ «ДӮСТӢ» КУШОДА ШУД

***Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқи вилояти Тошканд боз як маркази маърифатии "Дӯстӣ" фаъолияти худро аз сари нав ба роҳ гузошт.***

Ин марказ бо ташаббуси ректор Г. Муҳамедов бо мақсади таъмин намудани қадриятҳои умумибашарӣ, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, адолати иҷтимоӣ ва дӯстиву осоиштагӣ, барқарории муносибатҳои миллӣ ҳанӯз дар моҳи октябри соли 2019 таъсис дода шуда буд. Ба сабаби бемории коронавирус ва дертар ба туфайли таъмири бинои донишгоҳ чанд муддат фаъолияти худро идома дода натавониста буд. Инак, ба қарибӣ пас аз таъмиру ҷиҳозондан ба ин марказ як қисми бино ҷудо карда шуд. Аз ин рӯ, бо ба эътибор гирифтани кори минбаъдаи марказ ба гурӯҳҳои тоҷикию қазоқӣ ва русӣ хонаҳои алоҳида ҷудо карда шуданд. Мақсадҳои марказ дар амал ҷорӣ намудани сиёсати якдилии байни миллат ва халқҳои қаламрави кишвар, эҳтироми дӯстии байниҳамдигарӣ ва рушди фарҳанги халқҳо, кумак ба ҷараёнҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои вилояти Тошканд, ки дар онҳо таълим ба забонҳои тоҷикӣ, қазоқӣ ва русӣ бурда мешаванд, кумаки илмию методӣ ва ҳам барои таъмини адабиётҳои иловагӣ кумак расондан аст. Тибқи масоили инкишоф додани забон ва адабиёт, маърифат ва маданият бо марказҳои миллию маданӣ, ҳамватанони хориҷӣ алоқаҳои адабию фарҳангӣ ба роҳ мегузорад ва дар ҳамкорӣ бо онҳо анҷуманҳои илмию-амалӣ ташкил менамояд.

Ғайр аз ин, боз чандин вазифаҳоро дар назар дорад, ки ба мустаҳкамии дӯстии байни халқҳо, омӯхтани таърихи забон ва адабиёт, нигоҳ доштани осори хаттӣ, муҳофизати табиат, омӯзиши эҷодиёти даҳонакии халқ, омӯхтани дастхатҳои қадимӣ ва китобҳои ноёб нигаронда шудаанд.

Бо мадади Маркази миллию мадании тоҷикони шаҳри Чирчиқ – «Суғдиён» либосҳои миллӣ, китоб ва дигар маводи зарурӣ оварда шуд. Масъулини марказ ният доранд, ки омодагиҳоро ба гузарондани ҷашнҳои эҷодӣ доир ба зодрӯз ва ё бузургдошти аҳли илму адаб дар он ҷо ба роҳ монанд ва бо марказҳои фарҳангӣ ҳамкорӣ намоянд.

Боиси хушнудист, ки ба истифода супурда шудани бинои нав ба рӯзҳои ҷашнгирии Рӯзи муаллимон ва мураббиён рост омад.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,** *вилояти ТОШКАНД.*

***Аз фонди бойгонӣ-китобхонавии маҷмӯи динии «Ал-Азҳар»-и Миср пойгоҳи рақамии дастнависҳо ва нашрҳои нодири ба таърихи Ӯзбекистон марбут ба даст расид.***

# МАҶМӮИ ДИНИИ «АЛ-АЗҲАР»-И МИСР ПОЙГОҲИ РАҚАМИИ ДАСТНАВИСҲО ВА НАШРҲОИ НОДИРЕРО, КИ БА ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН МАРБУТ АСТ, ТАҚДИМ НАМУД

Котиби генералии Академияи пажӯҳишҳои исломии (АПИ) назди Ал-Азҳар Назир Муҳаммад Айёд маҷмӯи навшудаи 28 китобро тақдим кард, ки дар маҷмӯъ 49 361 дастнависи адабиётро, ки дар китобхонаҳои ӯ маҳфуз аст, фаро мегирад. Инчунин тафсилоти ин нашрҳои нодир (дар формати 50 Гб файлҳои электронӣ) дар 8 CD дискҳо якҷоя бо замимаи нимфарози мувофиқ дар шакли низоми нави ҷустуҷӯйи рақамӣ, ки аз ҷониби барномасозони АПИ барои роҳати коргарон ва муҳаққиқон офарида шудааст, пешниҳод карда шуд.

Аз ҷумла, бо истифода аз ин барнома шумо метавонед тасдиқи мавҷудияти асрҳои зеринро дар байни дастнависҳо дар «Феҳристи дастнависҳои хориҷӣ, ки ба Ӯзбекистон тааллуқ доранд» пайдо кунед, ки аз ҷониби Маркази омӯзиши мероси фарҳангии Ӯзбекистони назди Вазорати фарҳанг таъсис дода шудааст. Дар китобхонаи маркази донишгоҳи Ал-Азҳар ҳоло як қатор дастнависҳо нигоҳ дошта мешаванд. Аз ҷумла «Тафсири «Уюн ал-масоил»-и Алоуддини Усмандии Самарқандӣ, «Ал-адаб-ул-муфрад» (Донишномаи ҳадис)-и Имом ал-Бухорӣ ва ғайра.

Назир Айёд таъкид кард, ки ин маҷмӯи асарҳо ба муносибати 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон ва 30-юмин солгарди истиқрори равобити дипломатии миёни ду кишвар тақдим мешаванд.

**АИ «Дунё»,** *ҚОҲИРА.*

# КИШТИ НАМУНАВИИ РУСТАНИИ НОДИР

Майдони заминҳои заъфаронро торафт васеъ мегардонанд

***Заъфарон – номи ин рустании нодир дар адабиёти классикӣ ба таври фаровон ба кор бурда шудааст. Шоирони классик бештар ранги коҳидаи зардро ба заъфарон ташбеҳ додаанд. Аз ин рӯ, аз қадим заъфарон ҳамчун рустании нодиру доругӣ ба ҳамагон маълум аст. Ва онро дар тиббиёту барои атриёт ба таври фаровон истифода мебаранду «тиллои сурх» низ мегӯянд. Зеро он ранги тағирёбанда дошта, аввал зард, сипас ранги сурхро мегирад. Назар ба маълумотҳо нархи як килограмм заъфарон дар бозори дунё қариб 9 ҳазор евро мебошад.***



Се сол муқаддам бо ҳамкории сармоядорони итолиёвӣ дар ҳудуди ноҳияи Бахмали вилояти Ҷиззах ба кишт ва парвариши заъфарон шурӯъ намуда буданд. Дар ин замина ширкати «BMB trade group» таъсис ёфт.Соли аввал ҳамагӣ ба 50 гектар замин тухмӣ кориданд. Ба туфайли меҳнати ҳалоли одамон ҳосил бад нашуд. Порсол барои кишт аз шаҳри Брешиаи Италия 20 миллион дона сарпиёз оварда буданд. Имсол бошад, 16 миллион дона оварданд, тухмӣ аз худашон ҳам баромад.

Ба муносибати кишти намунавии заъфарон дар маҳаллаи Узунбулоқ чорабинӣ ба амал омад. Дар он журналистон, блогнависон, сафири Италия дар Ӯзбекистон Агустино Пинна, роҳбарони идораву муассисаҳо ширкат варзиданд. Нахуст дар бошишгоҳи саҳроӣ, ки қариб ҳамагуна шароит муҳайёст, барои журналистон анҷумани матбуот доир гардид.

Раиси Шӯрои Нозирии ширкати «BMB trade group» Беҳзод Маматқулов аз пешомаду истиқболи неки ширкат чанд ҳарф зад. Назар ба гуфти ӯ, ҳоло маҳсулот дар бозорҳои олам мавқеъ пайдо кардааст. Барои фурӯши он аз ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳон сертификати сифатро ба даст овардаанд. Ва ба осонӣ ба бозорҳои Аврупо ва ҳатто ИМА низ роҳ ёфта тавонистаанд. Дар назар аст, ки майдонҳои замини киштро васеъ намуда, ба ҳазор гектар расонданианд.

Дар дунё аз нигоҳи кишту парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти ин рустании дорувор Эрон пешсаф аст. Қариб навад фоизи заъфаронро истеҳсол мекунад. Қисми боқимонда саҳми давлатҳои дигар мебошад.

Мӯйсафедон ба муносибати оғози кишти заъфарон даст ба дуо бардоштанд. Ояе аз Қуръон тиловат карда шуд. Гӯсфандеро сар буриданд. Барои ҳозирин хони зиёфат оростанд.

Дар заминҳои маҳаллаи «Узунбулоқ»-и ноҳияи Бахмал садҳо нафар (бештар бонувон) дар кори коридани рустании нодир иштирок мекунанд. Аз гуфтаҳои бархе аз бонувони меҳнатӣ маълум гардид, ки асосан аҳолии маҳаллӣ дар ин қабил маъракаҳо саҳм мегузоранд. Пардохти музди меҳнат хуб аст ва нисфирӯзӣ як маҳал хӯроки гарм медиҳанд.

Ҳамин тавр ширкати италиёвии Fin opera s.r.l лоиҳаи худро бо BMB trade group ва ширкати тоҷикистонии «Avas group» амалӣ мегардонад. Майдони заминҳои заъфарон торафт васеъ мегардад.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».** *Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## ХАБАРҲО

### НАМОИШИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР "ӮЗЭКСПОМАРКАЗ"

**21-23 сентябр дар маҷмӯи "Ӯзэкспомарказ" чаҳордаҳумин намоиши тиббии байналхалқии "UzmedExpo – 2022" баргузор гардид.**

Дар чорабиние, ки таҳти ҳамкории Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, Агентии рушди соҳаи фарматсевтӣ ва ҳокимияти шаҳри Тошканд рӯи кор омад, наздик ҳафтод ширкати маҳаллию хориҷӣ иштирок кард. Дар он экспозитсияҳои Ӯзбекистон, Белорус, Олмон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Русия, Туркия, Швейтсария ва Ҷумҳурии Корея ба таври васеъ ба маърaз гузошта шуд.

Иштирокдорон имкон пайдо карданд ба намунаҳои асбобу ускунаҳои тиббии ширкатҳои маҳаллию хориҷӣ ва имкониятҳои истеҳсолии онҳо аз наздик шинос шаванд.

### ҲАМКОРИҲО РИВОҶ МЕЁБАНД

**Дар Осиё яке аз давлатҳои рушдкардае, ки ба Ӯзбекистон ҳамкории наздикро ба роҳ гузоштааст, Ҷумҳурии Корея мебошад. Дар нимаи аввали соли равон мубодилаи амвол байни ду кишвар зиёда аз 1,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил намуд.**

Робитаҳои илмию фарҳангӣ низ торафт ривоҷ меёбанд. Дар 12 муассисаи таълими олии ҷумҳурии мо забони корейсӣ омӯзонда мешавад. 10-то маркази мадании куриёиҳо мавҷуд.

Ба муносибати 30-солагии ба роҳ гузоштани ҳамкориҳо дар шаҳри Тошканд "Ҳафтавори Корея" баргузор ва як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ бо иштироки намояндагони санъат ва маданияти ҳарду мамлакат рӯи кор омаданд. Хусусан,намоише, ки дар маркази мадании корейсҳо воқеъ дар ноҳияи Яшнободи пойтахт баргузор шуд,ба ҳозирон таассуроти амиқ бахшид. Меҳмонон аз тамошои маҳсули эҷоди мусаввирони ӯзбекистонӣ Акмал Нур, Николай Шин, Светлана Шин, Александр Ли ва дигарон завқи эстетикӣ бурданд. Манзараҳои ҷолиби табиати диёри мо, ки дар нигораҳо акс ёфтаанд, низ диққати онҳоро ҷалб намуд.

### АНҶУМАНИ МАТБУОТӢ ДАР ЯНГИҲАЁТ

**Ҳокимияти ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт бори нахуст барои журналистон анҷумани матбуотӣ ташкил намуд. Ҳокими ноҳия Ҳаёт Иноғомов дар баромади худ қайд намуд, алъон 22610 нафарро дар ноҳия ҷавонони синни 18-30 ташкил менамоянд.**

Вазъи иҷтимоии аҳолӣ омӯхта ва ниёзмандон, хусусан бонувону ҷавононе,ки ба кумак муҳтоҷанд, ба ғамхорӣ фаро гирифта мешаванд. Дар ноҳия 1331 оила ба "Дафтари оҳанин", 1689 нафар шаҳрванд ба "Дафтари ҷавонон",1393 занону духтарон ба "Дафтари бонувон" номнавис гардидаанд.

Ҳоким оиди корҳое, ки тӯли солҳои 2021–2022 ба иҷро расонда шудаанд, айни замон бобати нақшаҳои истиқболӣ гуфта гузашт. Қайд гашт дар давоми солҳои 2021– 2023 ба амал баровардани ҷамъ 54 лоиҳаи сармоявӣ ба нақша даромадааст, ки 8,1 триллион сӯм арзиш дорад. Дар доираи ба амал баровардани ин қабил лоиҳаҳо 14077-то ҷои нави корӣ ташкил карда шуд.

Айни замон "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии маҷмӯии ноҳияи Янгиҳаёт дар солҳои 2021–2023" кор карда баровaрда шудааст. Барпои 78 объекти нав, аз ҷумла 2 мактаби таълими умумӣ бо 1580 ҷой пешбинӣ шудааст. Вақтҳои охир 145 нафар ҷавонон ба омӯзиши касб ҷалб карда шуданд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири "Овози тоҷик".**

# КУРСАНТҲО САВГАНД ЁД КАРДАНД

***Соли ҷорӣ барои курсантҳои зинаи якум, ки ба муассисаҳои таълими олии ҳарбии Вазорати мудофиа қабул шудаанд, маросими ботантанаи «Савганд ба Ватан» доир гардид.***



Аз ҷумла, курсантҳои Омӯзишгоҳи олии фармондеҳӣ-муҳандисии танки Чирчиқ барои савганд ёд кардан ба Ватан саф кашиданд.

Муовини якуми вазири мудофиа, сардори штаби генералии Қувваҳои Мусаллаҳ генерал-майор Шуҳрат Холмуҳамедов дар оғози чорабинӣ курсантҳоро бо қадамҳои аввали дар роҳи касби пуршарафи ҳифзи Ватан гузоштаашон табрик гуфт.

Инчунин, дар Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ курсантҳои факултети умумқӯшунии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ва ҷавони нав ба Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабулшуда, «Савганд ба Ватан» қабул карданд.

Муовини вазири мудофиа оид ба корҳои тарбиявӣ ва мафкуравӣ полковник Ҳамдам Қаршиев, муовини якуми вазири дастгирии ҷомеа ва нурониён, раиси Шӯрои ҷамъиятии назди Вазорати мудофиа Содиқҷон Турдиев дар бораи шароитҳое, ки барои хидматчиёни ҳарбӣ дар кишварамон фароҳам оварда шудаанд, ислоҳоти иҷтимоии онҳо суханронӣ карда, ба ҳама дар таҳсил ва хидматҳои минбаъдаашон барору комёбиҳо дархостанд.

Илова бар ин, маросими «Савганд ба Ватан» дар омӯзишгоҳи олии ҳарбии авиатсияи Ӯзбекистон, Донишкадаи ҳарбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва алоқа низ дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Курсантҳо парчамро, ки рамзи муқаддаси кишвари мост, бафарохта барои иҷрои вазифаи худ дар назди Ватан камарбаста шуда, виҷдону шаъну шарафи худро ба миён гузошта, барои ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Президенти он содиқона хидмат кардан, дар ҳар гуна санҷишҳои пурмашаққат ва душвор барои сазовор шудан ба боварии баланди миллату кишвар, дар ҳузури хешу табор ва аҳли ҷомеа ботантана савганд ёд карданд.

**ӮзА.**

*Сафар дар Ватан*

# ИЧАН-ҚАЛЪА ДИЛИ ХОРАЗМ АСТ

***Ба наздикӣ мо 90 нафар ҷавонон бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Тошканд таҳти роҳбарии роҳбари Садорати агентии кор бо ҷавонони ин вилоят Миразиз Мирсултонов ва кормандони Садорати мазкур таввассути қатора роҳи Хоразмро пеш гирифтем. Сафари Хоразм барои қисми зиёди ҷавонон бори аввал буд ва мебоист мо якум ба шаҳри Хива биравем ва ҳамин тавр ҳам шуд.***



Пас аз 14 соат мо тавассути шоҳроҳи роҳи оҳан дар вокзали Хива шудем. Ҳарчанд дар телевизиону Интернет аксу видеонаворҳо оиди Хива, Ичан-қалъа ва обидаҳои таърихии Хоразмро дида будам, вале аз наздик дидан кайфияти худро доштааст. Ҳамчун сайёҳи ватанӣ зиёрат кардани зиёратгоҳҳо ва обидаҳои меъмории ин шаҳрҳои куҳанбунёди таърихӣ насиб кард. Сафарамонро аз маҷмӯи ёдгории Ичан-қалъа оғоз кардем.

Бояд гуфт, ки Ичан-қалъа ёдгории меъмории ноёб ва калон ба шумор меравад, ки қисми қалъаи дохилии Хива ҳисобида мешавад. Ичан-қалъа бо девори кунгурадор аз Дишан-қалъа (қалъаи беруна) ҷудо карда шудааст. Ба Ичан-қалъа бо чаҳор дарвоза, дарвозаҳои Боғча, Полвон, Тош ва Ота дохил шудан мумкин аст. Обидаҳои ноёби меъмории халқи Хоразм ба мисоли мадраса, масҷид, сарой ва манораҳои баланд асосан дар Ичан-қалъа мавҷуд мебошанд, – гуфт роҳбалад Муродбек Атамбоев. – Қалъа аз ду қисм иборат аст. Ичан-қалъа маънои дохили шаҳрро мефаҳмонад, ки 26 гектар майдонро дар бар мегирад. Бараш 400, дарозиаш 650 метр мебошад. Аз чор тарафаш дарвоза мавҷуд аст. Дар Ичан-қалъа пеш аз инқилоб 64 мадраса, 92 масҷид, 120 қорихона, 14 манора сохта шудааст. Дар инҷо фақат бой, савдогар, хонҳо зиндагӣ кардаанд. Ҳоло дар он 365 хонадон мавҷуд буда, наздики 3000 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Ин мавзеъ чун ёдгории меъморӣ ба муҳофизати давлат гирифта шудааст. Барои аҳолии таҳҷоӣ рухсат дода шудааст, ки дохили хонаашонро рангу бор диҳанд, вале ба беруни он рухсат нест. Ҳар як хонаи дохили қалъа бо лой андоба карда шудааст, ки ҳамин тавр бояд истад. Таърихи пайдоиши ёдгориҳои меъмории он асосан ба 4 давра тақсим мешавад. Якум аз давраи қадимии Хоразм то давраи истилои муғул, дуюм давраи инкишофи Хоразм дар соли 1220, пас аз истилои муғул, давраи сеюм ба асрҳои XVI-XVII рост ояд, даври чаҳорум асрҳои XVIII-XX-ро дар бар мегирад. Дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Раҳимхон (1806-1825), Оллоқулихон (1825-1842) ва Муҳаммад Аминхон (1845-1855) дар Ичан-қалъа корҳои сохтмон хеле рушд ёфтааст. Биноҳои муҳташам, мадраса ва мақбараҳои зиёд бунёд гардиданд.

Ансамбли Ичан-қалъа ба сифати ёдгории меъморӣ ба муҳофизат гирифта шуда, ба осорхона табдил дода шудааст (1961). Аз соли 1990 Ичан-қалъа ба рӯйхати ёдгориҳои ҷаҳонӣ дохил карда шудааст.

Аз маҷмӯи ёдгории Қасри Нуриллобой дидан кардем ва баъд роҳи Урганчро пеш гирифтем. Тамошои қалъаи "Улли ҳовлӣ" (асрҳои XVII-XIX), яъне ҳавлии туркманҳо, ки дар наздики деҳаи туркманҳо ҷойгир аст, ба мо таассуроти зиёд гузошт. Ин ҳавлӣ аз таърих, урфу одат, хӯрокҳои миллӣ, ҳунармандӣ, зисту зиндагии халқи туркман ҳикоя мекунад. Пас ба маҷмӯи ёдгории майдони Ҷалолиддин Мангубердӣ, ки ба наздикӣ бо ташаббуси Сарвари давлат кушода шуд, рафтем. Дар ин ҷо барои мо оиди ҳаёт ва корнамоиҳои ин шахси таърихӣ маълумоти муфассал доданд. Пас аз чунин дидорбиниҳо роҳи Маркази ҷавонони вилояти Хоразмро пеш гирифтем. Дар ин ҷо бо роҳбарияти марказ ва шароитҳои фароҳамовардашуда шинос шудем.

– Дар вилояти Хоразм 13 шаҳру ноҳия мавҷуд аст, ки дар 531 маҳаллаи он пешвои ҷавонон фаъолият мебаранд, – гуфт мудири шуъбаи Садорати агентии кор бо ҷавонони вилояти Хоразм Шерзод Каримов. – Барои пешвои ҷавонони маҳаллаҳои вилоят тамоми шароит муҳайё карда шудааст. Алҳол дар ҳар як маҳалла мавсими 2-юми Олимпиадаи панҷ ташаббус оғоз шудааст.

Бояд гуфт, ки шаҳри Хиваву Урганҷ бо ин ҳама қадамҷойҳо, мақбара ва маҷмӯъҳои таърихиаш, ки наметавон инҷо ҳамаашро тасвир кард, барои мо хотироти нек боқӣ гузошт. Назди ҳар як маҷмӯи ёдгорӣ ва таърихӣ аксҳо гирифтем, то ки солҳои зиёд ин сафари таърихиро ёд кунем ва ба фарзандони худ нақл намоем.

Ҳамроҳи ҳамкорон чун сафари нахустин аз растаҳои бозори Урганҷ ва дуконҳои савдои шаҳр савғотӣ харида, бо умеди дидор ва зиёратҳои минбаъда ба истгоҳи роҳи оҳани Урганҷ омадем.

**Меҳровар ҚОДИРЗОДА,**
*вилояти ТОШКАНД.*

***Бо қарори ҳукумат низомномаи маъмурии хидматрасонии давлатӣ дар бораи ҷудо намудани субсиди яквақта аз буҷети маҳаллӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатии таълим барои ташкили фаъолияти таълими забонҳои хориҷӣ дар деҳот тасдиқ шуд.***

# ТАРТИБИ ҶУДО КАРДАНИ СУБСИД МУАЙЯН ШУД

Тибқи низомнома, субсид ба ташкилотҳои ғайридавлатии таълимӣ барои мақсадҳои зерин ҷудо карда мешавад:

барои бо технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, мебел, воситаҳои техникии таълим ва дигар анҷомҳо муҷаҳҳаз гардондани бино ва дарсхонаҳо;

барои таъмини китобҳои дарсии зарурӣ, адабиётҳои таълимию методӣ ва дигар захираҳои китобхонаю ахбор, барои музди меҳнат ба педагогҳое, ки бо ташкили раванди таълим ҷалб карда мешаванд.

Ташкилоти ғайридавлатии таълимӣ барои гирифтани субсид тавассути бақайдгирии электронӣ дар Портали ягонаи интерактиви хидмати давлатӣ то санаи 10-уми моҳи аввали ҳар семоҳа дархост пешниҳод мекунад.

Ба мурочиатнома инҳо илова карда мешаванд:

– нақшаи тиҷорат барои 2 сол;

– расонидани маҳсулот ё иҷрои кор, хидматҳо, шартномаҳои хоҷагие, ки имзо шудаанд;

– шартномаҳои меҳнатӣ бо кадрҳои педагогӣ;

– шаҳодатномаҳои тасдиқкунанда оиди сатҳи дониши забонҳои хориҷии ҳайати педагогӣ;

– шартномаҳои иҷораи бино ё синфхонаҳои дар раванди таълим истифодашаванда (барои ташкилотҳои ғайридавлатии таълимӣ, ки дар асоси иҷораи амволи ғайриманқул фаъолият мекунанд).

Аз довталабони субсид талаб кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки дар боло зикр нашудаанд, қатъиян манъ аст.

Аз аризадиҳанда барои истифодаи хидмати давлатӣ маблағ ситонда намешавад.

Ин тартиб аз 1 октябри соли 2022 эътибор пайдо мекунад.

**Мухбири худамон.**

***22 сентябр барои шаҳрвандони Ӯзбекистон мавсими нави «Умра-2022» оғоз ёфт.***

# БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ӮЗБЕКИСТОН МАВСИМИ НАВИ «УМРА-2022» ОҒОЗ ШУД

Нахустин 240 нафар зиёраткунандагон тавассути ширкати ҳавопаймоии «Uzbekistan Airways» ба Арабистони Саудӣ расиданд.

Зиёраткунандагонро дар фурудгоҳи байналмилалии ба номи шоҳ Абдулазизи шаҳри Ҷидда кормандони консулгарии кишварамон ва намояндагони ширкати саудии «Мармар» истиқбол гирифтанд.

Ҳамватанони моро бо автобусҳо ба шаҳри Мадина гусел карданд.

Консулгарӣ тамоми масъалаҳои ташкилии вобаста ба баргузории мавсимро ба ӯҳда гирифтааст.

Ба зиёратгарон аъзои гурӯҳи кории Комиссияи ҳаҷҷи Ӯзбекистон ва табибони соҳибихтисос ҳамроҳӣ карданд.

**АИ «Дунё»,**
*ҶИДДА.*

# ДАР ЗИЁРАТГОҲИ МУТАСАВВУФИ БУЗУРГ

Сӯфӣ Оллоҳёр яке аз намояндагони бузурги тариқати Нақшбандия дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар адабиёти тасаввуфӣ яке аз вакилони машҳур ба ҳисоб меравад. Инчунин, ин шахси бузургро чун шоир, диншинос, олим, аллома ва арбоби давлатӣ ном мебаранд, ки ҳақ асту рост.

Мегӯянд, ки бузургон дар ҷое таваллуд ёфта, дар ҷои дигар машҳуру маълум ва ободкор мегарданд. Оре, чунин аст. Сӯфӣ Оллоҳёр гарчанд дар ҳудуди Каттақӯрғони вилояти Самарқанд таваллуд ёфта бошад ҳам, имрӯзҳо зиёратгоҳи аллома дар маҳаллаи Каттавахшивори ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё ҷойгир шудааст, ки як ҷойи хушбоду ҳаво ва маскани дилнишин мебошад.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ӯзбекистон ба обод гардонидани зиёратгоҳу обидаҳои таърихӣ эътибори бештар дода шуд. Аз ҷумлаи чунин зиёратгоҳҳо мақбараи Сӯфӣ Оллоҳёр буд, ки оғоз аз соли 2010 тармиму таъмири он ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст.

Чанде пеш мо як гурӯҳ омӯзгорони мактаби рақами 52-юми ноҳияи Сариосиё баҳри зиёрати қадамҷои донишманди бузург ба он ҷо сафар намудем. Ростӣ, он ҷо рафта зиёратгоҳи ободи дорои ҳама гуна шароити мусоидро бо чашмони худ дида хурсанд гардидем. Назар ба нақли сокинони ин деҳа, ҳанӯз 300 сол пеш аз ин бо ташаббуси Сӯфӣ Оллоҳёр дар ин мавзеъ нахустин масҷид (соли 1713) бунёд гардида будааст, ки ҳоло ҳам мавҷуд мебошад. Худи Сӯфӣ Оллоҳёр аз Қорабулоқ, ки чашмае фаввора мезадааст, оби нӯшокӣ оварда будааст, ки имрӯзҳо тавассути қубурҳо ҳам ҷорист. Инчунин, дар саҳни масҷид дарахте мавҷуд аст, ки таърихи 300-сола дорад.

Хулоса, ин зиёратгоҳи серфайз имрӯзҳо як маскани ободу дилнишине гаштааст, ки сайр ва зиёрат намудан дар он ҷо кори савобу пурхайр аст.

**С.МИРЗО.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ХИДМАТРАСОНИИ ДАВЛАТӢ ТАКМИЛ МЕЁБАД

***Тавассути марказҳои хидматрасонии давлатии вилояти Бухоро дар давраи гузаштаи соли равон дар гӯшаҳои дурдасти вилоят бо истифода аз усулҳои шаффоф қариб ба 60 ҳазор аҳолӣ хидмати сайёри давлатӣ расонда шуд.***




Дар марказҳои хидматрасонии давлатӣ барои аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, хоссатан, шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуду маълӯл, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар маркази хидматҳои давлатии шаҳри Бухоро ба шахсони аз хидмати давлатӣ норозӣ ва шароити зиндагониашон вазнин аз ҷониби равоншиносон кумаки рӯҳӣ расонда мешавад.

Ҳамчунин, дар марказ ба шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд ва маълӯлон ҳангоми расондани хидмати давлатӣ чораҳои ба вуҷуд овардани муҳити инклюзив андешида шудаанд. Шахсони гаронгӯш ва гунг аз хидмати сурдотарҷума истифода мебаранд.

Ба ҷуз ин, дар марказҳои хидматрасонии давлатӣ барои истифодабарии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ аз хидмати давлатии электронӣ гӯшаҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти техникӣ фаъолият доранд.

Дар марказҳои дахлдори хидматҳои давлатӣ, бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои аҳолӣ, аз қабили нав кардани гувоҳномаҳои куҳнаи ронандагӣ, ба қайд гирифтани шиносномаи биометрии ба хориҷбароӣ, картаи индентификатсионӣ — ID ва супоридани онҳо барин хидматҳо расонда мешавад.

Муҳимтаринаш он аст, ки ҷараёни сохтори мобилии ID индентификатсикунонии шахсони ҷисмонӣ идома дорад. Истифодабарандагони ин сохтор (Мобил — ID) метавонанд бе имзои рақамии электронӣ корҳои худро анҷом диҳанд.




**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ӮзА.**

**Дар акс:** рафти хидматрасонии давлатӣ дар вилояти Бухоро.
**Аксбардор: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА).**

*Пресс-тур*

# РӮЗНОМАНИГОРОН БО ШАРОИТИ ТАБИИИ МАСКАНҲОИ ЭКОТУРИСТӢ ШИНОС ШУДАНД

***«Шиносоӣ ба шароити табиии масканҳои экотуристӣ, ки дар минтақаҳои вилояти Самарқанд ташкил гардидаанд» ном дошт пресс-туре, ки таҳти ташаббуси Садорати экология ва ҳифзи муҳити зисти вилоят ба як қатор манзилҳои экотуризми ноҳияи Ургут ташкил гардид.***

Нахуст гурӯҳи журналистон ва блогерҳо аз маскани сайёҳии Тешиктоши ноҳия дидан карданд.

– Бунёди маскани сайёҳиро се сол пеш сар кардем ва бо мақсади таҷҳизонидани он аз бонк ба миқдори 150 миллион сӯм кредит гирифтем, – гуфт роҳбари маскан, тадбиркор Марат Бурҳонов. – Ҳоло дар 1 гектар майдони ин ҷо, ки пештар хеле хароб ва бо партов пур буд, маскани ободеро ташкил кардем ва ҳар рӯз садҳо меҳмонони хориҷӣ ва маҳаллӣ аз он боздид менамоянд. Гоҳо бо оилаи худ омада, дар манзилҳое, ки ташкил кардаем, шабона хоб мераванд. Дар ин ҷо 8 нафар бо кор таъмин гардидаанд, ки асосан ба меҳмонон хизмат мекунанд, ниҳол ва гулҳоро обёрӣ ва партови гирду атрофро тоза менамоянд. Ният дорем, ки дар оянда майдони масканро васеъ карда, майдончаҳои бозӣ созем. Инчунин, сохтмони меҳмонхонаи замонавиро, ки дорои 32 ҷой аст, аллакай сар кардем.

Рӯзноманигорон пас аз тамошои Тешиктош ҷониби деҳаи сайёҳии Терсак роҳ гирифтанд. Ин деҳаи ободу хушҳаво дар оғӯши кӯҳҳо, дар канори ағбаи Тахтиқорача, ки вилоятҳои Самарқанд ва Қашқадарёро мепайвандад, ҷойгир буда, чор фасли ин мавзеъ таровати хоса дорад.

– Дар 1029 хонадони деҳаи мо, беш аз 7200 нафар сокинон умр ба сар мебаранд, барои онҳо шароити замонавӣ фароҳам овардаанд, – гуфт сокини маҳалла Гулнора Темирова. – Мактаб, кӯдакистон, муассисаи тиббӣ, нақлиёт ва дигар хидматрасониҳои давлативу иҷтимоӣ комилан муҳайё аст. Мардум арзишу урфу одатҳои қадимиро хуб нигоҳ доштаанд ва бо назардошти ин ва дигар ҷиҳатҳо соли гузашта ба Терсак мақоми деҳаи сайёҳӣ дода, қариб 10 километр роҳи деҳаро мумфарш карданд, ба роҳҳои лойолуд санг рехта, ҳамвор намуданд.

Дар қад-қади роҳ чароғҳо, аломатҳои роҳ ва нишонаҳо гузошта шуд. Сокинон дар як муддати кӯтоҳ зиёда аз 20 меҳмонхонаи оилавӣ ташкил карданд.

Зикр гашт, ки дар Самарқанд аз 300 маскани сайёҳӣ 30-тоаш экотуристӣ мебошад. Илова бар ин, беш аз 100 маскани экологии мавсимии оилавӣ мавҷуданд.

– Ҳар як меҳмонхонаи оилавӣ бо самти фаъолияти худ фарқ мекунад, – гуфт сарвари меҳмонхонаи оилавии «Терсак шаршараси» Қуйсинбой Ҳасанов. – Мо асосан меҳмонро дар фасли тобистону оғози тирамоҳ қабул мекунем. Боиси зикр аст, ки ҳоло маҳаллаи мо имкон дорад, ки дар як вақт 200–250 меҳмонро қабул кунад. Меҳмонон бештар аз Фаронса, Италия, Дания, Канада ва Русия меоянд. Илова бар ин, сафи сайёҳони маҳаллӣ низ рӯз то рӯз меафзояд. Сайёҳон дар хонаводаҳои деҳот ба равандҳои тайёр кардани таомҳои миллӣ, чашидани шири гову буз, шиносоӣ бо урфу одат ва албатта сайру гашти кӯҳистон мароқ зоҳир мекунанд.

Дар идомаи пресс-тур кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ аз меҳмонхонаҳои оилавӣ, маскани экотуризми Мингарча боздид намуданд.

**Ф.ЮЛДОШЕВ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# САФИРОНИ ӮЗБЕКИСТОН БА ЛИТСЕЙИ АКАДЕМӢ КОМПЮТЕР ВА ҶИҲОЗҲОИ ТАЪЛИМӢ СУПУРДАНД

***Сафирони Ӯзбекистон дар кишварҳои хориҷӣ ба литсейи академии назди Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия маводи таълимӣ бо забонҳои хориҷӣ, компютер ва дигар ҷиҳозҳои зарурӣ тақдим намуданд.***

Дар чорабинӣ сафири кишварамон дар Озарбойҷон Баҳром Ашрафхонов, сафир дар Қазоқистон Саидикром Ниёзхӯҷаев, сафир дар Русия Ботирҷон Асадов, роҳбари намояндагии дипломатӣ дар Арабистони Саудӣ Улуғбек Мақсудов, роҳбари намояндаи миссияи дипломатӣ дар Тоҷикистон Эргаш Шоисматов, сафир дар Туркманистон Акмалҷон Қӯчқоров ва сафир дар Туркия Алишер Аъзамхӯҷаев иштирок доштанд.

Дар воҳӯрӣ донишҷӯён имкон пайдо карданд, ки бо ҷиҳатҳои ба худ хоси фаъолияти дипломатҳо, равобити мутақобилаи Ӯзбекистон ва кишварҳои хориҷӣ шинос шаванд ва ба саволҳои худ посух гиранд.

Бояд қайд намуд, ки ба мактаб дар ноҳияи Учтеппа, ки Вазорати корҳои хориҷӣ ба сарпарастӣ гирифтааст ва Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия кӯмаки ҳамаҷониба расонда мешавад.

**АИ «Дунё».**

# МАДАДГОРОНИ МАРДУМ

Як гурӯҳ бачаҳо дуртар аз роҳи калон машғули бозӣ буданд. Ин дам дар сари роҳ мошине омада истод. Ҳама “газ омад” гӯён доду фарёд карданд. Шавкату Усмон аз мошин поён шуда бо бачаҳо вохӯрданд. Онҳо, ки ин бачаҳоро ном ба ном мешинохтанд, ба онҳо рӯ оварда гуфтанд:

– Ба хонаатон рафта аз омадани газ падару модаратон ва ҳаққу ҳамсояҳоятонро хабар кунед. Вақти мо хеле танг аст, имрӯз то бегоҳӣ бояд балонҳои пури газро то ба деҳаи Сесанга ва Коскак бурда расонем. Агар таъхир кунед, бе сӯзишворӣ мемонед. Бачаҳо ин гапро шунида ба сӯйи хонаҳои хеш давиданд. Аз байн фурсате нагузашта бошандагон балонҳоро ба аробаҳо бор карда, ба назди мошини газтақсимкунӣ омаданд.

– Эҳ, барака ёбетон, Шавкатҷону Усмонҷон, кам нашаветон, мушкили моро осон кардетон. Э-ҳа, барои як балон газ як рӯзи дароз мо дар маркази ноҳия сарсону саргардон мегаштем, – гӯён Салимбобо балони газро бо кӯмаки ҳарду ба ароба бор карда, даст ба дуо бардошт, ки минбаъд чунин хидмати беминнат карда, дуои аҳли деҳаро гиранд. Шавкату Усмон даст ба рӯй кашида аз ин бархӯрди мӯйсафед хушнуд гашта, дар хидмати дигар шаҳрвандон омода шуданд.

Идораи газтақсимкунии ноҳия аз вақте ки ҳардуро барои бурда расонидани балонҳои газ ба минтақаи Дарбанд вазифадор кард, зиёда аз 6-сол гузаштааст. Онҳо дар хидмати сокини маҳаллаҳои Даҳнаиҷом, Дарбанд, Темирдарвоза, Шифобулоқ, Мачай мебошанд. Аз хидмати беминнаташон сокинони ин манзилу маконҳо розианд.

– Ҳар боре ки ба деҳаи назарногири мо Шавкату Усмон газ меоранд, ба хурсандии аҳолӣ хурсандӣ зам мегардад, – мегӯяд сокини деҳаи Хамикабуд Чориҳоҷӣ Боғичаев. — Аз бозе, ки истифодаи газ бо воситаи балон ба роҳ монда шуд, ҳарду ҷавонмард дар рӯзҳои зимистони сахт, аз барфу боронҳо, мушкилиҳо наҳаросида, ба мардум хидмати беминнат мерасонанд. Мо аз кормандони идораи газтаъминкунӣ бениҳоят мамнунем.

Шавкату Усмон дар як муддати кӯтоҳ ба сокинони маҳаллаи Навобод балонҳои мавҷударо тақсим карда, боз ному насаби ононро дубора аз назар гузарониданд.

Ин дам Шавкат дафтари рӯйихатро пӯшида ба Усмон гуфт:

–Усмон, медони-чӣ, ҳафтаи гузашта Маҳмудака фавтида буд. Агарчӣ имрӯз навбати сокинони ин манзилгоҳ набошад ҳам, ба ҳамин хонадон даромада, ба ҳаққи раҳматӣ даст ба дуо мебардорем.

Онҳо ба манзили гуфтаашон омада, баробари дигарон дар ҳаққи раҳматӣ дуо хонда ва дар охир балони гази ин хонадонро ғайринавбат бошад ҳам супорида, аз паи кори хеш шуданд.

Шавкат Қодиров пас аз хатми мактаби ҳамагонии 39-ум баҳри кор дари идораи газтаъминкунии ноҳияро кӯфт. Ба вай гуфтанд, ки ин муамморо сарвари идора Шукруллоҳ Умаров ҳал хоҳад кард. Ӯ ба ӯтоқи кории сарвар ворид шуд.

– Писар, ту воқеан нияти дар корхонаи мо кор кардан дорӣ? Лекин дар ин ҷо кор кардан осон нест. Аввал ин ки кори мо масъулияти баландро мепазирад. Сониян, агар эҳтиёткор набошӣ, дар зиндагӣ фанд хоҳӣ хӯрд. Аз беэҳтиётӣ нохушӣ ба вуқӯъ пайвастанаш аз эҳтимол дур нест. Ба ин шартҳои мо розӣ бошӣ, мо туро ба кор қабул мекунем.

Шавкати бекор ҳамин ҳарфи сардорро интизор буд ва розигии хешро ошкоро баён намуд. Ҳамин тариқ, ӯро ба сифати челонгари мошинҳои газ таъин намуданд. Фаъолияти кориаш аз ҳамин касбу кор оғоз гашт. Аз челонгарони ботаҷриба сирру асрори корро гоҳе ба осонӣ, гоҳе бо мушкилиҳо меомӯхт. Устоҳои соҳибтаҷриба аз кори анҷомдодаи Шавкат қаноатманд мешуданд. Бо имдоду дастгирии сарвари корхона Шукруллоҳ Умаров ӯро ронандаи боркаши газтақсимкунӣ таъин карданд. Ӯ бо ҳамкоре аҳолии маркази ноҳияро бо газ таъмин мекард. Шавкат ҳам ронандагӣ мекард ва ҳам бо ҳаммаслаки хеш балонҳоро ба хонадонҳо тақсим мекард.

Ҳар боре, ки баҳри кор омода мешуданд, Шукруллоҳака онҳоро дар рӯйи ҳавлии корхона дида мегуфт.

– Шавкатбой, бо мардум хушмуомила бошед. Дилозор набошед, ки беҳуда нагуфтаанд:

*Ҳар ки дар банди*
*дилозорӣ бувад,*
*Оқибати кори ӯ зорӣ*
*бувад.*

Агарчӣ роҳбар хуб, сахтгир, масъулиятшинос буд, ҳамин гапро бо овози баланд мегуфт. Шавкат суханҳои роҳбарро ба гӯш ҳалқа мекард ва баъзан сари ҳар говгард бо чунин ҳол рӯ ба рӯ мешуд. Ӯ дар чунин ҳолатҳо худдорӣ намуд. Андӯхтани таҷрибаи ҳаёт ва муомилаи хуш ӯро соҳибобрӯ гардонд. Сарвар аз кори ӯ қаноатманд буд.

Соли 2016-ум ҳукумати ҷумҳурӣ ба идораи газтаъминкунии шаҳрҳо ва ноҳияҳо фармоиш дод, ки бо воситаи мошинҳои боркаш аҳолиро бо балонҳои газ таъмин намоянд. Ҳар моҳ ба ҳар як хонадон балонҳои газро бурда расонанд. Тибқи иҷрои ин фармоиш ҳамон сол Шавкат Қодиров ҳамчун ронанда ва Усмон Исломовро ҳамчун мутасаддии газтақсимкунӣ вазифадор намуданд. Дар назари аввал ин кор барои ҳарду хеле мушкил метофт. Ба зиёда аз севу ним ҳазор аҳолӣ хидмат расондан ин ба гуфтан осон буд.

Мо пеш аз навиштани ин мусавада бо чандин одамони касбу кори гуногун оиди фаъолият ва кору бори онҳо пурсон шудем. Ҳамагон бо як самимияту эҳтиром онҳоро таъриф карданд. Ва мо низ бо ин навиштаҳо иктифо карда, бо забони шоир дар ҳаққи ҳарду мегӯем:

*Накӯӣ кун, агар туро*
*дастрас аст,*
*К-ин олам ёдгори*
*бисёр кас аст.*

**Нуралӣ РАҶАБ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# СУФРАҲОИ ПУР АЗ НЕЪМАТУ ТАОМ

***Идораи хидматрасонии ҳайати дипломатии Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ бори ҳаждаҳум аст, ки фестивали хайрияи анъанаҳои маданӣ ва таомҳои миллиро ташкил менамояд.***




Ин дафъа он дар Боғи истироҳати ба номи Мирзо Улуғбек «Central park» дар яке аз боғҳои куҳнаи пойтахт, ки собиқ ба номи Телман ёд мешуд, баргузор шуд. Аз субҳи рӯзи шанбе дар ин ҷо садои мусиқӣ баланд буд ва одамони ҳар гуна либоси миллӣ пӯшида даста-даста ба ин боғ ворид мешуданд. То оғози фестивал, ки он якҷоя бо сафорату намояндагиҳои хориҷӣ ва байналхалқии муқими Ӯзбекистон ва марказҳои миллӣ-мадании халқҳои ҷумҳурӣ барпо гардид, дар боғ аллакай суфраҳои гуногун дар ғурфаҳои алоҳида бо неъмати гуногуни хӯрданиву нӯшиданӣ ороста мешуд. Ҳар кадом сафоратхона хеле бо ҳавсала ва иштиёқ кушиш мекард, ки аз дигар ҳамтоёни худ хушнамуду оростатар бошад.

Ғурфае, ки дар пешонааш «Хуш омадед» навишта шудааст, наздик шудем.

– Сафорати мо қариб ҳар сол дар ин ҷашни таому маданият ширкат мекунад, – мегӯяд мушовири сафоратхонаи Тоҷикистон Садбарг Ғаниева. – Чунин ошноӣ хуб аст, ки на фақат таому фарҳанги мардуми худ, балки бо суннату таомҳои мардумони дигар низ шинос мешавед.

Воқеан он рӯз дар ин боғ садҳо намуд таому ширинӣ ва қанду қурси халқу мардумони минтақаҳои мухталифи ҷаҳонро дидаву чашидан мумкин буд. Аз дидану чашидани онҳо чашмони одам завқ мегирифт.

– Ман кӯшиш мекунам, ки ҳар дафъа аз ин ҷашнвора дидан намоям, чунки бароям ин навъҳои аҷоибу ғароиби хӯрданиву чашиданӣ аҷабовар аст, – мегӯяд аз бинандагони доимии ҷашнвора Сайёра Саидзода, – бар замми ин ба фарҳанги пухту пази халқҳои ҷаҳон шавқам зиёд аст.

Назди ғурфаҳо рафта, пурсидан шарт нест, ки аз кадом кишвару минтақа ҳастанд, зеро ғайр аз байрақи давлаташон либосу пӯшокашон ошкор мекард, ки аз кадом диёру намояндаи кадом фарҳанг ҳастанд.

Ин замон дар саҳнаи махсуси боғ, ки садову лаҳни мусиқиву тарона ба ҳар забон садо медод, рӯ ба рӯямон дар даст бо сабади пур аз хӯришҳои гуногун духтараки чаканпӯше пайдо шуд. Ҳоҷати пурсидан набуд, ки аз кадом ғурфа асту сафорат. Бо вуҷуди ин гуфт:

– Мавзуна Рустамова ҳастам, аз сафорати Тоҷикистон, марҳамат, гиред, чашед, меҳмон шавед.

Ҳамин ҳавову фазои пухту паз ва таоруфу меҳмондорӣ то қарибии шоми он рӯз идома дошт, ки соҳибони суфраҳои пур аз неъмату таом аз меҳмондорӣ мамнун буданд.

**Т. МИРҲАЁЕВ.**
***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

# «ЭТНО-МАРКАЗИ ШАЙХОН»-И НОҲИЯИ БУХОРО

***Шайхон яке аз деҳаҳои калонтарин ва кӯҳнатарини ноҳияи Бухоро ба шумор рафта, сокинони он аз қадимулайём бо зироатпарварӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат машғуланд. Дар ин ҷо расму оини аҷдодӣ, пазандагии хӯрокҳои анъанавии миллӣ, савту сурудҳои мардумӣ, ривояту афсонагӯӣ, бозиҳои гуногуни халқӣ, тайёр кардани кӯлашуртаку хушкмева, қандалоту ширинихо, маҳсулоти полизу ҳунармандӣ ва ғайра мақоми махсус дорад.***




Ба ғайр аз ин, дар шафати шаҳр ва атрофи шоҳроҳи байналхалқӣ воқеъ будани мавзеъ, ёдгориҳои таърихии ҳудуд барин омилҳо диққати роҳбаронро сӯи худ кашид ва боиси дар ин ҷо созмон додани «Этно-маркази Шайхон» барои сайёҳони маҳаллию хориҷӣ қарори дахлдор қабул карда шуда буд. Дар 15 сотих майдон ҳавлиҳои тобистонаю зимистона сар боло кард. Қимати лоиҳавии марказ ба 400 ҳазор доллари ИМА баробар аст. Ба қарибӣ маросими кушодашавии марказ ба амал омад. Ба ин муносибат дар ин ҷо намоиши маҳсулоти ҳунарҳои миллӣ, барномаи консертии савту сурудҳои халқӣ, бозиҳои гуногуни мардумӣ сурат гирифт.

Дар ин ҷо бобати тайёр кардани хӯрокҳои миллӣ-этникӣ мастер-класс ба роҳ монда мешаванд. Дар назди марказ мавҷуд будани боғ имкон медиҳад, ки барои сайёҳон аз ҳисоби ҳайвоноти хонагӣ «Гӯшаи ҷондор» ташкил карда шавад. Дар маркази деҳа бунёд кардани супермаркет, дорухона, толори зебоӣ, маркази ахбор, сехи дӯзандагӣ, офиси туроператорӣ, почта, кассаи фурӯши чиптаҳои самолёту поезд, дӯкони тӯҳфаҳо, устохонаи ҷиҳозҳои электротехникӣ, сартарошхона, сехи тайёркунии маҳсулоти қаннодӣ ва ширинихои миллӣ, меҳмонхонаи оилавӣ, дӯкони либос, чойхонаи миллӣ, маркази иҷораи велосипед, нонвойхона ва ғайра ба нақша даромадааст.



Мақсад дар натиҷаи ҳамкорӣ бо ширкатҳои маҳаллии сайёҳӣ ба равияи нави сайёҳӣ раҳнамун сохтани этно-марказ аст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**
**Суратгир:** муаллиф.

*Ташаббуси нек*

# ДАР ҚӮҚАНД КИТОБХОНАИ АМИРӢ КУШОДА ШУД

***Дар шаҳри Қӯқанд дар тасарруфи Китобхонаи миллии Ӯзбекистон китобхонаи ба номи Амирӣ, ки бо талаботи замонавӣ аз нав таъмир карда шуд, ба кор шурӯъ намуд.***




Китоб ва китобхонӣ дар рушду камоли инсон нақши муҳим дорад. Зеро, шахсе, ки ба мутолиа дил бастааст, аз китоб ғизои бузурги маънавӣ мегирад. Дар ин бобат дар вилояти Фарғона низ корҳои ибратнок ба амал бароварда мешаванд.

Бо ташаббуси ҳокимияти вилоят дар ҳамаи маҳаллаҳо дӯконҳои «Зиё» ташкил карда шуд. Ба мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии марказҳои ахбору захираи вилоятҳо ва зиёд кардани фонди китоб диққати махсус дода мешавад.

Китобхонаи нави Қӯқанд, ки макони маданияту маърифат аст, идомаи ин корҳо мебошад.

Дар маросими ифтитоҳи китобхонаи Амирӣ ҳокими шаҳри Қӯқанд Маъруф Усмонов, директори Китобхонаи миллии Ӯзбекистон Умеда Тешабоева, мушовири ҳокими вилоят Соҳибҷамол Тонготарова оиди дар кишварамон васеъ тарғиб намудани китобхонӣ сухан ронданд.

Дар ин бора ташаббуси инсонпарваронаи сокинони вилояти Фарғона эътироф карда шуданд. Китобхонаи мазкури дорои бинои замонавӣ ва шароити хуб ба беш аз 120 ҳазор фонди нашрҳо соҳиб буда, дар як вақт ба 70 нафар китобхон хизмат мерасонад.

Ба муносибати кушодашавии ин китобхона Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи А. Навоӣ беш аз 5 ҳазор нашрияҳои электронӣ ва китобҳои арзишманд ҳадя кард.

Инчунин, аксияи «Ба китобхона китоб тӯҳфа мекунам» низ баргузор гардид. Дар доираи ин аксия аз ҷониби ҳокимияти шаҳр 10 ҳазор адад китоб ва аз тарафи ташкилотҳои шаҳр 3 ҳазор адад китоб тӯҳфа карда шуд.

**Масъудҷон СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ЎзА.**

*Варзиш*

# БАРОИ ҶОМИ ҲОКИМ

***Дар маҷмӯи «Пои Калон»-и шаҳри Бухоро қувваозмоиҳои гӯштини миллӣ барои ҷоми ҳокими вилоят ва прокурори вилоят ба амал омад.***

Дар ин мусобиқа, ки таҳти унвони «Диёре, ки полвонҳояш зиёданд, иқтидорнок аст» байни мардону занон баргузор гардид, аз ҳамаи вилоятҳои ҷумҳуриамон наздик ба 150 нафар варзишгарони 16-30-сола бо ҳам қувваозмоӣ карданд. Дар ин мусобиқа, ки миқдори умумии мукофоташ ба 120 миллион сӯм баробар аст, мардон дар вазнҳои 60, 66, 73, 81, 81кг+, бонувон дар вазнҳои 57-63 кг мусобиқа намуданд. Бинобар ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоӣ байни ҷамоаҳо ҷои аввал ва мукофоти пулӣ ба андозаи 60 миллион сӯм ба командаи вилояти Бухоро, ҷои 2 ва 30 миллион сӯм ба варзишгарони вилояти Навоӣ, ҷойҳои сеюм ва 15 миллион сӯмӣ мукофоти пулӣ ба гӯштингирони шаҳри Бухоро ва спортчиёни вилояти Сурхондарё насиб кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Дар маҷмӯаи варзишии «Афросиёб-арена»-и шаҳри Самарқанд чемпионати кушоди Осиёи Марказӣ оид ба атлетикаи сабук ба поён расид.***

# ЎЗБЕКИСТОН – ПЕШҚАДАМ

Дар мусобиқа бо ҳамдиёрони мо варзишгарони номдору соҳибтаҷрибаи Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон, Таиланд, Малайзия ва ғайра дар пайраҳаи тохтан, ба баландӣ ҷаҳидан, найзапарронӣ ва дигар намуди атлетикаи сабук талош варзиданд.

Аз рӯи натиҷа дастаи яккачини Ӯзбекистон 25 медали тилло, 27 медали нуқра ва 27 биринҷӣ ба даст оварда, аз шоҳсуфаи баланд ҷой гирифтанд.

Ҷои дуюмро вакилони Туркманистон ва савумро Қирғизистон соҳиб шуданд.

Ғолибони мусобиқа бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардидаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 4710 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.